# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «09» 06 соли 2025 №56

Дар бораи Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ

070.010.000.

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Фармоиши вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2012, №36 «Дар бораи тасдиқи Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсиякунонии муҳосибони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2012, №652 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири молия - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон                Қаххорзода Файзиддин Саттор

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
«9» 07 с.2025

Замима
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «09» 06 соли 2025, №56

Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби додани сертификат ва шартҳои сертификатсияи муҳосиби касбӣ ва барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ (минбаъд - Тартиб) тартиби ташкил ва гузарондани сертифкатсияи муҳосиби касбӣ ва сертификатсияи барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибиро ҷиҳати гирифтани сертификат, муҳлати амал ва бекор намудани онро муқаррар менамояд.

2. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд:

- довталаб - сармуҳосиб ва муҳосибе, ки барои гирифтани сертификат ариза пешниҳод намудааст;
- сертификатсия - расмиёти муайян намудани сатҳи дониш ва малакаи довталаб тавассути супоридани имтиҳони тахассусӣ;
- сертификати муҳосиби касбӣ - ҳуҷҷате, ки дараҷаи тахассуси касбии муҳосибро тасдиқ мекунад.

3. Мавҷудияти сертификати муҳосиби касбӣ барои сармуҳосиб ҳатмӣ мебошад.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНДАНИ СЕРТИФИКАТСИЯИ МУҲОСИБИ КАСБӢ

4. Сертификатсия бо мақсади тайёр намудани муҳосибони салоҳиятноку касбӣ ва татбиқи донишу малакаи онҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ гузаронда мешавад.

5. Сертификатсия мутобиқи принсипҳои зерин гузаронда мешавад:

- ошкоро гузарондани сертификатсия;
- таъмини шаффофияти сертификатсия;
- эҳтироми тарафайн ҳангоми гузарондани сертификатсия;
- баҳодиҳии холисона;
- асоснокии хулоса ва тавсияи комиссияи сертификатсионӣ.

6. Тартиби мазкур барои довталаби бахши давлатӣ ва субъектони дорои манфиати умум талаботи тахассусиро дар алоҳидагӣ пешбинӣ менамояд.

7. Ба довталабон талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
"9" 07 с.2025

1) барои довталаби бахши давлатӣ:

- доштани таҳсилоти олии иқтисодӣ бо собиқаи сесолаи кории амалӣ ба ҳайси муҳосиб, иқтисодчӣ, мутахассиси молия, андоз ё таҳсилоти миёнаи махсуси касбӣ бо собиқаи панҷсолаи амалии корӣ аз рӯйи ҳамин ихтисосҳо;

- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин қонунгузории соҳаи молия ва андозбандии самти фаъолият;

- малакаи зарурӣ оид ба истифодабарии стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ дар раванди пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ;

- дониш ва малакаи кор бо низомҳои иттилоотии молияи давлатӣ;

- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии дигари барои фаъолият зарурӣ.

2) барои довталаб аз субъектони дорои манфиати умум:

- доштани таҳсилоти олии иқтисодӣ бо собиқаи сесолаи кории амалӣ ба ҳайси муҳосиб, иқтисодчӣ, мутахассиси молия, андоз ё таҳсилоти миёнаи махсуси касбӣ бо собиқаи панҷсолаи амалии корӣ аз рӯйи ҳамин ихтисосҳо;

- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин қонунгузории соҳаи молия ва андозбандии самти фаъолият;

- малакаи истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар рафти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ;

- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии дигари барои фаъолият зарурӣ.

8. Сертификатсияи муҳосиби касбӣ дар бахши давлатӣ аз сатҳи якум ва сатҳи дуюм иборат мебошад. Сармуҳосибони бахши давлатӣ дар давоми шаш моҳ пас аз гирифтани сертификати муҳосиби касбӣ сатҳи якум барои иштирок дар сертификатсия ҷиҳати гирифтани сертификати муҳосиби касбии сатҳи дуюм вазифадор мебошанд.

9. Раванди сертификатсия барои гирифтани сертификати муҳосиби касбӣ марҳилаҳои пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳо тибқи банди 12 Тартиби мазкур, инчунин ташкили курси бозомӯзӣ ва гузарондани имтиҳони тахассусиро дар бар мегирад.

## 3.ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ КУРСИ БОЗОМӮЗӢ ВА ИМТИҲОНИ ТАХАССУСИИ МУҲОСИБИ КАСБӢ

10. Курси бозомӯзи муҳосиби касбӣ аз рӯйи барномаҳои таълимии тасдиқнамудаи комиссияи сертификатсионӣ дар шакли маҷозӣ (мустақим ва ғайримустақим) ё ғайримаҷозӣ (анъанавӣ) гузаронда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
"9" 07 с.2025

11. Курси бозомӯзии муҳосиби касбӣ дар ташкилотҳои касбии муҳосибон гузаронда мешавад. Курси бозомӯзӣ барои довталаби сертификати муҳосиби касбӣ дар бахши давлатӣ метавонад дар Маркази такмили ихтисоси назди Вазорати молия баргузор карда шавад.

12. Бо мақсади ташкил ва баргузор намудани курсҳои бозомӯзи муҳосиби касбӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилоти касбии муҳосибон тибқи тартиби муқарраргардида шартнома ба имзо расонида мешавад.

13. Барои иштирок дар курси бозомӯзӣ аз ҷониби довталаб ба комиссияи сертификатсионӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- ариза;
- нусхаи шиноснома;
- ду адад акси андозаи 4х6;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдқикунандаи таҳсилоти иқтисодӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ва маълумотнома аз ҷойи кор;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, агар дар шиноснома он дарҷ нашуда бошад.

14. Пас аз ба итмом расидани курси бозомӯзии муҳосиби касбӣ довталаб ба имтиҳони тахассусӣ фаро гирифта мешавад, ки он аз тарафи комиссияи сертификатсионӣ гузаронда мешавад. Барои баргузор намудани имтиҳони тахассусӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия таъсис дода мешавад.

15. Имтиҳони тахассусӣ дар давоми даҳ рӯзи тақвимӣ пас аз ба итмом расидани курси бозомӯзӣ баргузор мегардад. Имтиҳони тахассусӣ дар шакли тестӣ ва амалӣ (ҳалли масъалҳои амалӣ ва саволу ҷавоб) сурат гирифта, сана ва макони баргузории он на камтар аз ду рӯзи тақвимӣ то рӯзи баргузории имтиҳон тариқи шифоҳӣ ва (ё) низоми электронӣ ба саҳми довталаб расонда мешавад.

16. Довталаб ба имтиҳони тахассусӣ бо пешниҳоди шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсияти ӯ роҳ дода мешавад. Довталабе, ки дар нисф зиёди соатҳои умумии курси бозомӯзӣ иштирок накардааст, ба имтиҳон роҳ дода намешавад.

17. Дар сурати истифодаи телефони мобилӣ ва таҷҳизоти коммуникатсионии дигар, истифодаи пешнависи имтиҳон, риоя накардани меъёрҳои одоб ва халалдор кардани раванди имтиҳон, довталаб аз имтиҳон хориҷ карда мешавад.

18. Имтиҳони тахассусӣ дар давоми як рӯзи корӣ пас аз ба итмом расидани он аз ҷониби комиссияи сертифкатсионӣ ҷамъбаст ва тариқи низоми электронӣ ба саҳми довталаб расонида мешавад.

19. Довталабе, ки аз шумораи умумии саволҳо ба зиёда аз 75 дарсади онҳо ҷавоби дуруст медиҳад, барои додани сертификат тавсия дода мешавад.

ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
«9» 07 с.2025

20. Сертификат дар давоми панҷ рӯзи корӣ пас аз тасдиқи натиҷаи имтиҳони тахассусӣ дар шакли электронӣ ва (ё) бо дархости довталаб дар шакли коғазӣ пешниҳод карда мешавад.

21. Довталабе, ки аз имтиҳони тахассусӣ баҳои гузаришро нагирифтааст ё дар имтиҳон иштирок накардааст ва ё бинобар риоя накардани талаботи банди 16 Тартиби мазкур аз имтиҳон хориҷ карда шудааст, бидуни гузаштан аз курси бозомӯзии муҳосиби касбӣ як маротиба ба имтиҳони такрорӣ роҳ дода мешавад. Дар мавриди такроран нагирифтани баҳои гузариш ё дар имтиҳон иштирок накардан, аризаи довталаб рад карда шуда, дар ин хусус тариқи низоми электронӣ ба довталаб огоҳинома ирсол мегардад.

22. Сертификати муҳосиби касбӣ ба муҳлати номаҳдуди амал дода мешавад.

23. Бланкаи сертификат дорои дараҷаи ҳифз, силсилаи ҳисобдорӣ ва рақам мебошад, ки дар он ислоҳкунӣ роҳ дода намешавад. Бланкаҳои вайроншуда бо тартиб додани санад нест карда мешаванд.

24. Дорандаи сертифкат бояд дар се сол як маротиба аз курси такмили ихтисос тибқи барномаи тасдиқнамудаи комиссияи сертификатсионӣ гузарад.

## 4. КОМИССИЯИ СЕРТИФИКАТСИОНӢ

25. Комиссияи сертификатсионӣ роҳбарии умумии раванди ташкил ва гузарондани сертификатсияро амалӣ карда, инчунин иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин менамояд:

- баррасии мутобиқатии талаботи тахассусӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб;
- ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, инчунин аз рӯйи мансубият тасдиқ намудани барномаи таълимии онҳо;
- ташкили имтиҳони тахассусӣ, аз ҷумла тасдиқи мундариҷаи тестҳо, масъалаҳои амаливӣ ва саволномаҳо, баҳои гузариш ва натиҷаи имтиҳон;
- қабули қарор оид ба додан, аз нав ба расмият даровардан, додани нусхаи дуюм (дубликат) ва бекор кардани сертификати муҳосиби касбӣ ва сертификати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ;
- санҷиши мутобиқатии барномаи электронии баҳисобгирӣ ба талаботи боби 5 Тартиби мазкур.

26. Ҷаласаи комиссияи сертификатсионӣ танҳо дар сурати иштирок намудани аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои он салоҳиятнок ҳисобида мешавад.

27. Комиссияи сертификатсионӣ барои санҷиши мутобиқатии барномаи электронӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби мазкур мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотиро ҷалб менамояд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
«9» 07 с.2025

28. Тартиби ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои комиссияи сертификатсионӣ мутобиқи низомномаи он муайян карда мешавад.

## 5. СЕРТИФИКАТСИЯИ БАРНОМАИ ЭЛЕКТРОНИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

29. Сертифкатсияи барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯйи мутобиқати он ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна амалӣ карда мешавад.

30. Нисбати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ талаботи ҳадди ақал, функсионалӣ ва амнияти иттилоотӣ муқаррар карда мешавад.

31. Талаботи ҳадди ақалли барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ:

- мавҷудияти иҷозатномаи расмии таҳиякунанда барои паҳнкунӣ дар ҳудуди муайян;
- мутобиқатӣ ба талаботи пешбурди фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, андозу омор ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ аз рӯйи мансубият;
- интрефейси оммафаҳм бо забонҳои давлатӣ ва русӣ;
- мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;
- имконияти ҳамгирой бо низомҳои иттилоотӣ.

32. Барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд имконияти функсионалии ҳадди ақали зеринро дошта бошад:

- муайян намудани нақшаи кории ҳисобҳои муҳосибӣ, ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, усулҳои баҳисобгирӣ (мемориал-ордерӣ ва журнал-ордерӣ) ва шаклҳои ҳисобот;
- барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин ба таври худкор андӯхтан;
- ба таври худкор ҳисобӣ кардани андоз, музди меҳнат ва дар заминаи маълумоти баҳисобгирӣ тартиб додани ҳисоботҳои молиявӣ, андозӣ ва оморӣ мутобиқ ба шаклҳои муқарраршуда;
- ба таври худкор муайян намудани номутобиқатиҳо ва хатоҳо дар маълумоти баҳисобгирӣ.

33. Барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд амнияти иттилоотро мутобиқи стандартҳои амнияти иттилоот (ISO/IEC 27001) таъмин намояд.

34. Барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд махфияти иттилоот, пешгирии ҳолатҳои воридоти беруҳсат, тақсимоти дастрасӣ аз рӯйи уҳдадориҳои истифодабарандагон, пайгирии фаъолияти ҳар як

БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
"9" 07 с.2025

истифодабаранда дар барнома ва нигоҳдории маълумотро барои давраи тибқи қонунгузорӣ муяйншуда таъмин намояд.

35. Барои иштирок дар сертификатсия ба комиссияи сертификатсионӣ ҳуҷҷатҳои зерин дар шакли хаттӣ ё электронӣ пешниҳод мегарданд:

- ариза;
- шиноснома (таснифот)-и техникӣ ва дастури истифодабарии барномаи электронӣ;
- барнома дар ҳомилҳои электронии нигоҳдорандаи маълумот ё пешниҳоди дастрасии расмӣ ба барнома ҷиҳати гузарондани санҷиш.

36. Аризаи довталаб ҷиҳати гирифтани сертификати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ дар муддати на зиёда аз як моҳ баррасӣ карда мешавад.

37. Сертификати барномаи электронии баҳисобгирии муҳосибӣ ба муҳлати амали 3 сола дода мешавад. Тағйирот ба барнома, ки дар давоми муҳлати амали сертификат амалӣ мегардад, бо комиссияи сертификатсионӣ мувофиқа карда мешавад.

## 6. АЗ НАВ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАН ВА ДОДАНИ НУСХАИ ДУЮМ (ДУБЛИКАТ)-И СЕРТИФИКАТ

38. Дар ҳолати тағйир ёфтани насаб, ном ва ё номи падар дорандаи сертифкат уҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз ҳафт руз аризаро дар шакли хаттӣ ё электронӣ дар бораи аз нав ба расмият даровардан бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи тағйироти зикргардида, инчунин нусхаи аслии сертификатро пешниҳод намояд.

39. Ҳангоми гум шудан ё фарсуда шудани нусхаи аслии сертификат дар асоси ариза нусхаи дуюм (дубликат)-и он дода мешавад. Дар мавриди фарсуда шудан, нусхаи аслии сертификат пешниҳод карда мешавад. Дар сурати гум шудан дорандаи сертификат бояддар воситаҳои ахбори омма эълон нашр намояд ва ба комиссияи сертификатсионӣ маълумоти дахлдор пешниҳод намояд.

40. Ариза оид ба аз нав ба расмият даровардан ё додани нусхаи дуюм (дубликат)-и сертификат дар муҳлати на зиёда аз панҷ рӯзи корӣ пас аз санаи гирифтани ариза баррасӣ карда мешавад.

41. Ҳангоми аз нав ба расмият даровардан ё додани нусхаи дуюм (дубликат)-и сертификат дар он силсила, рақам ва санаи қаблан сертификати додашуда нишон дода мешавад.

42. Барои аз нав ба расмият даровардан ва додани нусхаи дуюм (дубликат)-и сертификат ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт ба тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Пардохт нагардидани маблағи мазкур асос барои надодани сертификат мебошад.

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
«9» 07 с.2025

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

43. Риоя нагардидани талаботи муқаррарнамудаи Тартиби мазкур аз ҷониби дорандагони сертификат, асос барои бекор кардани сертификат мебошад.

ВА[illegible]
ҶУМҲ[illegible] ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1349
"9" 07 с.2025